# 38221 - Умра дар тамоми (рӯзҳои) Рамазон мустаҳаб аст

## савол

Оё умра дар даҳ рӯзи охири моҳи Рамазон мустаҳаб аст?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба анҷом додани умра дар моҳи Рамазон тарғибу ташвиқ намудааст. Бухорӣ (1782) ва Муслим (1256) аз Ибни Аббос ривоят кардаанд, ки ӯ гуфтааст: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: **«Умра дар Рамазон баробари як ҳаҷ аст».**

Ин ҳамаи (рӯзҳои) Рамазонро дарбар мегирад ва махсуси даҳаи охири Рамазон намебошад.

Аллоҳ донотар аст.